**ТАҚРИЗИ**

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Тоирзода Абдусаломи Раҳим дар мавзуи «Баррасии роҳҳои калимасозии исм дар осори Шамсиддин Шоҳин» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ)**

Таърихи ҳар як забонро аз сарчашмаҳои хаттиву шифоҳӣ, хусусан, аз осори арзишманди шоирону нависандагон, таърихнигорон, файласуфон ва олимону фарҳехтагони илму дониш омӯхтаю таҳқиқ намуда, барои насли имрӯзу фардо пешниҳод кардан кори муҳим ва зарурист. Аз ин рӯ, барои таҳқиқу муайян намудани арзиши илмиву бадеӣ ва таърихии осори адибону донишмандони тоҷику форс ба мисли Фирдавсиву Сино, Беруниву Асадии Тусӣ, Носири Хусрав, Мавлавии Балхӣ, Ҷомӣ, Соибу Сайидо, Донишу Шоҳин, Лоҳутиву Айнӣ, Улуғзодаву Турсунзодав, Лоиқу Бозор Собир барин шахсиятҳо, ки инъикоскунандагони вазъияти замони хешанд, метавон ба таври васеъ истифода бурд.

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самти илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Таҳқиқу пажуҳиши калимасозӣ дар забони тоҷикӣ таърихи куҳан дошта, бо вижагиҳои худ таваҷҷуҳи муҳаққиқони хориҷиву ватаниро ба худ ҷалб намудааст. Пажуҳиши калимасозӣ ҳамчун як бахши илми забоншиносӣ дертар, яъне дар нимаи аввали қарни XX сурат гирифтааст.

Омӯзишу баррасии калимасозӣ, роҳу усулҳои он, воситаҳои калимасозӣ, васлшавии калимаҳо, таркибсозӣ дар забоншиносӣ барвақт сар шуда, асару рисолаҳои зиёде офарида шуда бошанд ҳам, вале дар ин самт ҳанӯз масъалаҳои баҳсталаб кам нестанд.

Таҳқиқи хусусияти луғавию калимасозӣ, сарфиву наҳвии забони ин ё он адиб барои муайян намудани ҷараёни инкишофи таркиби луғавии забон аз чанд ҷиҳат муфид мебошад. Аз ин рӯ, осори Шамсиддини Шоҳин хазинаи нодиру бебаҳои имконияти лексикӣ буда, барои муҳаққиқон ҳамчун маҳак

метавонад дар муайян намудани меъёри забони адабӣ дар сатҳи луғатшиносиву грамматика мусоидат намояд, ки дар таҳқиқи он унвонҷӯй Тоирзода Абдусаломи Раҳим дар мавзуи «Баррасии роҳҳои калимасозии исм дар осори Шамсиддин Шоҳин» диссертатсия пешниҳод кардааст, мусоидат менамояд ва бешубҳа барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ) мувофиқат менамояд.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Дар забоншиносии тоҷик калимасозии исм ва роҳу воситаҳои сохта шудани онҳо, калимаҳои мураккаб дар асоси маводи осори Шоҳин то ҳанӯз мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор дода нашудааст. Омӯзишу баррасии калимасозии исм ва роҳу воситаҳои сохта шудани онҳо вобаста ба таърихи инкишофи забони тоҷикӣ талаботи замон буда, калимасозии исм дар осори Шоҳин бо диди тоза ва муосир қобили қабул мебошад. Бо таваҷҷуҳ ба ин ки дар таҳқиқи роҳҳои калимасозии исм дар осори Шамсиддин Шоҳин ин аввалин кори дисертатсионӣ аст ва дар он ин масъала бо диди нави илмӣ баррасӣ мешавад ва он дар таҳкими масоили назариявию амалии масоили калимасозӣ нақши муҳимми илмӣ дорад, мавзуи кори имиро мубрам медонам.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Омӯзишу баррасии роҳҳои калимасозии исм дар осори Шамсиддин Шоҳин ҳамчун масъалаи илмӣ ба таври алоҳида мавриди пажуҳиш қарор гирифта, дар диссертатсия роҷеъ ба муайян намудани қолабҳои калимасозии исм, нақши такрор дар сохтани калимаҳои исмии мураккаби пайваст, нақши миёнвандҳо дар сохтани исмҳои мураккаби пайваст, нақши қолибҳои гуногуни калимаҳои мураккаб ва ғайраҳо бо нишон додани далелҳои асоснок маълумоти тозаи илмӣ дарҷ гардидааст. Баҳсу мунозираҳои илмии муаллиф ҷолиб буда, дар пешрафт ва таҳкими масъалаҳои марбут ба калимасозӣ муфид арзёбӣ мегарданд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо дар он ба назар мерасад, ки таҳқиқоти мазкур дар асоси маводи осори Шамсиддин Шоҳин сурат гирифта, ҳангоми таҳқиқи хусусиятҳои калимасозии он аз осори назариявии муҳаққиқони соҳаи забоншиносӣ истифода шудааст. Дар диссертатсия мубрамии маълумот, интихоби дурусти роҳу равиши кор, мутобиқати меъёри истифодаи мавод, таҳлили муқоисавии он, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот ва теъдоди интишорот гувоҳи эътимоднокии кори диссертатсионӣ мебошанд. Хулосаи диссертатсияи Тоирзода Абдусаломи Раҳим дар 18 банд гирд омада, дар онҳо муҳимтарин ва асоситарин бардоштҳои рисоланавис дида мешаванд ва ба назари мо мазмуну муҳтавои корро пурра инъикос менамоянд. Дар бахши тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот унвонҷӯ дар 7 банд пешниҳоди мушаххас манзур кардааст.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.**

Шамсиддини Шоҳин бо осори гаронбаҳои худ дар рушди забони адабӣ саҳми хешро гузоштааст. Бинобар ин, омӯзиши мероси адабии Шоҳин дар ташаккул ва такмили таркиби луғавии забони тоҷикӣ, калимасозию таркибсозӣ ва услубиёти забон дорои аҳаммияти беандозаи назариявию амалӣ мебошад.

Дар забоншиносии тоҷик дар баробари ҳалли як қатор масъалаҳои назариявӣ ва амалии марбут ба вижагиҳои калимаҳои сохтаву мураккаб ва таркибсозӣ дар осори адибони гузаштаву имрӯза баҳсу баррасиҳое мавҷуданд, ки ҳалли мусбати худро ҷустуҷӯ менамоянд. Ҳамчунин, баррасии калимасозӣ ва муайяну дақиқ намудани роҳу усулҳои калимасозӣ дар забони адабии тоҷикӣ масъулияти хосро тақозо мекунад.

Аз ин мавқеъ ва нуктаи назар таҳқиқоти диссертатсионии Тоирзода Абдусаломи Раҳим дар мавзуи «Баррасии роҳҳои калимасозии исм дар осори Шамсиддин Шоҳин» саривақтӣ ва арзишманд ба ҳисоб меравад.

Аҳаммият ва зарурати пажуҳиши мазкур, пеш аз ҳама дар он зоҳир мегардад, ки муайян намудани роҳу воситаҳои калимасозӣ ба тариқи рӯзафзун мавқеи худро устувор ва арзиши хешро бештар месозад.

**Қисмати асосии таҳқиқ**. Диссертатсияи Тоирзода Абдусаломи Раҳим дорои муқаддима, се боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, феҳрасти адабиёт, нашри таълифоти илмӣ иборат буда, дар ҳаҷми 198 саҳифаи чопи компютерӣ таълиф шудааст. Тибқи масъалаҳои баррасишаванда ҳар боб бо фаслҳои алоҳида тасниф гардидаанд, ки дар онҳо бо истифода аз сарчашмаҳои илмӣ ва маводи назариявию амалии таҳқиқ мулоҳизаҳои муҳимми илмӣ сурат гирифта, натиҷагириҳои назаррас ба даст омадаанд.

Муқаддимаи диссертатсия тибқи муқаррароти муайяншуда таҳия ва дар он мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ ва робитаи таҳқиқ бо барнома ва мавзуъҳо оварда шудаанд. Дар бахши тавсифи умумии таҳқиқ мақсад, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқ, асосҳои назарявӣ ва методологии таҳқиқ, сарчашмаҳои таҳқиқ, навгонии илмии таҳқиқ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявиву амалии таҳқиқ, мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ, тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ, таълифоти илмӣ вобаста ба мавзуи диссертатсия аз ҷониби унвонҷӯ мушаххасан оварда шудааст.

Кори диссертатсионие, ки аз ҷониби Тоирзода Абдусаломи Раҳим дар мавзуи «Баррасии роҳҳои калимасозии исм дар осори Шамсиддин Шоҳин» анҷом шудааст, дар самти таҳлилу баррасии калимасозии исм кори муҳим ва саривақтӣ дониста мешавад.

Маводи асосии диссертатсияро таҳқиқи калимасозии исм дар осори Шамсиддин Шоҳин ташкил медиҳад.

Боби аввали диссертатсия «Таҳқиқи тарзи калимасозии морфологӣ дар осори Шамсиддини Шоҳин» номгузорӣ шуда, аз 3 фасл, 5 зерфасл иборат аст. Фасли якум «Матолиби муқаддамотӣ» унвон дошта, доир ба омӯзиши

адабиёти назариявӣ дар забоншиносии тоҷик, инчунин пажуҳишҳо дар мавриди калимасозӣ, роҳу усулҳо, воситаҳои калимасоз дар забони тоҷикӣ ва нақши онҳо дар ташаккули таркиби луғавии забони тоҷикӣ баҳсу баррасӣ ба миён овардааст.

Дар фасли дуюм «Имкониятҳои калимасозии пешванду пасвандҳо дар вожасозии исм» калимасозии исм бо ёрии пешванду пасвандҳо ба таври зарурӣ ҳалли худро ёфтааст. Муҳаққиқ дар ин қисмати кор мавқеи калимасозии ҳар як вандро бо таҳқиқоти дигар муҳаққиқон муқоиса намуда, саҳми адибро дар вожасозӣ муаррифӣ намудааст.

Боби дуюм «Калимасозии исм тавассути дериватсияи дубора. Усули пешвандию пасвандӣ. Транспозитсия (субстантиватсия) ва тарзи аффиксоидӣ» номгузорӣ шуда, аз 5 фасл ва 5 зерфасл иборат аст. Фасли якум «Матолиби муқаддамотӣ» ба масъалаҳои назариявии омӯзиши усули пешвандию пасвандӣ ва субстантиватсия бахшида шудааст. Фасли дуюм «Дериватсияи дубора» унвон дошта, он вожаҳои сохтаеро мавриди пажуҳиш қарор додааст, ки аз ду пасванд сохта шуда, ду давраи калимасозиро аз сар гузаронидаанд. Фасли сеюм «Усули пешвандию пасвандии сохта шудани исмҳо» номгузорӣ шуда, бо ёрии пешванду пасванд сохта шудани исмҳо мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Дар фасли чорум «Аффиксоидҳои исмсоз» префиксоид ва суффиксоидҳои исмсоз баррасӣ гардидааст.

Фасли панҷум «Нақши калимасозии морфологӣ-синтаксисӣ (конверсия) дар калимасозии исм» ном дошта, ба масъалаи ба вазифаи исм гузаштании ҳиссаҳои дигар нутқ бахшида шудааст.

Боби сеюми диссертатсия «Калимасозии исмҳои мураккаб дар осори Шамсиддин Шоҳин» ном дошта, аз шаш фасл иборат аст. Дар фасли якум осори назариявӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст.

Фасли дуюми боб «Исмҳои мураккаби пайваст» унвон дошта, дар ин фасл роҳҳои сохта шудани исмҳои мураккаби пайваст мавриди таҳқиқу пажуҳиш қарор дода шудааст.

Муҳаққиқ дар фасли сеюми боб доир ба исмҳои мураккаби тобеъ ва

роҳҳои сохта шудани онҳо баҳс намуда, нақши воситаҳои калимасозро муайян намудааст. Таъкид шудааст, ки ин усули калимасозӣ нисбат ба исмҳои мураккаби пайваст барҷастатар мебошад. Диссертант дар ин замина аз ибораҳои изофӣ сохтани исмҳои мураккабро баррасӣ намуда, маводи зиёдро таҳлил кардааст.

Фасли чорум «Калимасозии исмҳои мураккаби омехта» номгузорӣ шудааст. Дар ин фасл диссертант нақши калимасозии пасвандҳои -ӣ, -а –ро дар ташкили исмҳои мураккаби омехта нишон додааст.

Фасли панҷум «Исмҳои мураккаби сеҷузъа» унвон дошта, дар он исмҳои сеҷузъа таҳлил гардидаанд. Фасли шашум «Корбурди ибораҳои арабӣ дар осори Шоҳин» бахшида шудааст.

Дар қисмати хулоса диссертант андешаҳои худро ҷамъбаст намуда, миқёс ва самтҳои асосии таҳқиқро нишон додааст.

Диссертатсия ва автореферати он дар асоси талаботҳои Муассисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионӣ»-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таълиф шудааст. Забони таҳқиқи диссертатсионӣ ва автореферати он фасеҳу равон буда, дар маҷмуъ натиҷаи пажуҳиши муаллифро инъикос менамояд.

Аз мутолиаи диссертатсия ва автореферати он маълум мешавад, ки унвонҷӯ ба истинод ва истифодабарӣ аз асарҳои илмӣ бо эҳтиром муносибат карда, иқтибосоти овардаашро бо сарчашма ва саҳифаи он ишора мекунад. Аз мутолиаи диссертатсия ва автореферати Тоирзода Абдусаломи Раҳим чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки муҳаққиқ дар натиҷаи кӯшишу талошҳояш ба мақсад расидааст. Таҳлилу муҳокима ва натиҷагириҳои диссертант аз ҳар ҷиҳат ҷолиби диққат мебошанд.

Диссертатсияи Тоирзода Абдусаломи Раҳим таҳти унвони «Баррасии роҳҳои калимасозии исм дар осори Шамсиддин Шоҳин» таҳқиқоти анҷомёфтаи илмӣ дар соҳаи морфологияи забони муосири тоҷик мебошад.

Хулоса ва мазмуну муҳтавои диссертатсия дар 18 банди алоҳида натиҷагирӣ гардидааст.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Довталаби дараҷаи илмӣ перомуни мавзуи диссертатсия 13 мақолаи илмӣ нашр кардааст, ки 7 мақолаи он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2 мақола дар конференсияҳоии илмии байналмилалию ҷумҳуриявӣ, ва 4 мақолаи дигар дар маҷаллаҳои дигари илмӣ ба чоп расидаанд. Мақолаҳои интишоршуда муҳтавои асосӣ асосии диссертатсияро пурра инъикос менамоянд. Шумораи мақолаҳои нашргардидаи диссертант ба талаботи банди 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ аст.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Тоирзода Абдусаломи Раҳим ба талаботи бандҳои 31 ва 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

Дар диссертатсияи мавриди назар мазмуну муҳтаво пайдарҳамии мантиқӣ дошта, масъалагузориҳо, сатҳи навовариҳои илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя тавсия шудаанд, аз услуби нигориш ва маҳорати баланди диссертант дарак медиҳад.

**Эродҳо ба диссертатсия.** Дар баробари дастовардҳо дар диссертатсия ва автореферати он баъзе камбудиҳо ба назар мерасанд:

1. Дар диисертатсия пасванди -он/-ён ба гурӯҳи пасвандҳои вожасоз шомил шудааст, ки қобили қабул нестанд. Онҳо пасвандҳои ҷамъсозӣ исм мебошанд ва ба ҳеҷ ваҷҳ калима намесозанд. Дар мисоли:

*Шунидам овоне зи Аббосиён,*

*Ки нафрин бар он боду аъвони он* (105)

Дар вожаи Аббосиён маънои калима тағйир наёфта, маънии ҷамъро мефаҳмонад.

2. Вожаи рақиб аслан исм аст, на сифат (116). Инчунин, беҳтар мешуд, агар ба вазифаи исм гузаштани ҳар як ҳиссаи нуткро дар алоҳидагӣ таҳлил мегардиданд. Дар саҳ. 130 вожаи нағмапардозӣ чун сифат маънидод шудааст, ки дар асл исми мураккаб мебошад.

3. Диссертант ҳангоми баррасии вожаҳои мураккаби омехта, исмҳои мураккаб ва омехтаро ба ҳам омехта кардааст. Ҳамаи калимаҳои мураккаберо, ки бо ёрии ду реша ва пасвандҳои калимасоз бунёд гардидаанд, калимаи мураккаби омехта номидан мумкин нест. Калимаҳои мураккаби омехта дар як маврид аз ду ва ё зиёда асос ва пасванди калимасоз бунёд мегарданд. Калимаҳои мураккаби омехта бе ёрии пасванд бунёд намегарданд. Калимаҳои ***панҷсола, дучашма*** бидуни пасванди калимасози ***-а*** калимаи мураккаб шуда наметавонанд, балки ибора мешаванд: ***панҷ сол, ду чашм.*** Исмҳои мураккаби некномӣ / неком, сарбаландӣ /сарбаланд (159), сангиндилӣ /сангдил, кинагирӣ / кинагир, дӯстдорӣ / дӯстдор, сухандонӣ / сухандон, зоҳирпарастӣ / зоҳирпараст, мушкфишонӣ мушкфишон, (160), табхол / табхола (162).

4. Дар диссертатсия ғалатҳои имлоиву техникӣ мавҷуданд: саҳ. 23, 30 ва ғ.

5. Субстантиватсияшавӣ бо пасванди -ина, -ваш, -манд чӣ маънӣ дорад, равшан нест (саҳ. 122, 127...).

Нуқсонҳои зикршуда ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмии кори диссертатсиониро кам намекунанд. Дар ҳаллу фасли вазифаҳои муайяншуда диссертант маводу далелҳои заруририро ба таври васеъ истифода мебарад. Муҳаққиқ аз пажуҳишҳо ва адабиёти илмии зарурӣ дар самти таҳқиқоташ хуб огоҳӣ дорад.

**Қисмати хотимавии тақриз.** Диссертатсия аз нигоҳи сохтор, муҳтаво, забон ва равиши таҳқиқ мукаммал мебошад. Автореферат ва мақолаҳои илмии нашрнамудаи диссертант муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос менамоянд.

Дар маҷмуъ, диссертасия ва автореферати Тоирзода Абдусаломи Раҳим таҳти унвони «Баррасии роҳҳои калимасозии исм дар осори Шамсиддин Шоҳин» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ) пурраву мукаммаланд ва ба талаботи «Низомнома»-и Муассисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионӣ»-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллиф барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ) сазовор дониста мешавад.

Тақризи мазкур тибқи талаботи бандҳои 71 ва 72-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, таҳия гардидааст.


МУҚАРРИЗИ РАСМӢ:
Доктори илмҳои филологӣ, мудири кафедраи
забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии тиббии
Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино Низомова С. Ф.
E-mail: sanobarnizomova66@gmail.com
Тел: +992 935154029


*Имзои доктори илми филологӣ*
*Низомова С.Ф.-ро тасдиқ мекунам:*
Сардори раёсати рушди кадрҳои
Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон
ба номи Абуалӣ ибни Сафаров Б. И.
«_2_» феврали соли 2024


**Нишонӣ:** 734003 Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Сино, 29-31.
Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон
ба номи Абуалӣ ибни Сино
**Тел:** 446003977: факс 2353496
**E-mail**: info@tajmedun.tj